*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №131 (4871) | ДУШАНБЕ, 4 НОЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## РОҲИ СИПАРИНАМУДАИ МО ҲАМВОРУ БЕХАТАР НАБУД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази таълимии воҳидҳои таъиноти махсуси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар вилояти Хатлон**

**1-уми ноябри соли 2024**

**Афсарону сарбозони муҳтарам!**
**Меҳмонони гиромӣ!**

Масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи сулҳу субот, тамомияти арзии кишвар зери таваҷҷуҳи доимии роҳбарияти давлат қарор доранд. Маҳз ба шарофати таъмини амнияти миллӣ Тоҷикистон тавонист ба раванди таҳаввулоти бунёдӣ ва рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ворид гардад.

Дар радифи дигар сохторҳои низомӣ нақши Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар барқарорсозии сулҳу субот ва ҳифзи сарҳади давлатӣ муҳим арзёбӣ гардида, муҳайё сохтани шароити моддиву техникӣ ва иҷтимоиву маишӣ барои хизматчиёни он дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Дар доираи омодагӣ ба Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ боз як иншооти наву замонавӣ - маркази таълимии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ҳамчун самараи истиқлоли кишварамон ба истифода дода шуд.

Соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон бузургтарин дастоварди таърихи муосири тоҷикон ба ҳисоб рафта, ин рӯйдоди сарнавиштсоз омили эҳёи фарҳангу тамаддун, арзишҳои миллӣ ва комёбиҳои азим ба шумор меравад.

Махсусан, таъкид карданиам, ки 6-уми ноябри соли 1994 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидани Конститутсияи нав яке аз аввалин қадамҳои тақдирсози кишвари мо дар роҳи ислоҳоти сиёсӣ ва таҳкими истиқлоли давлатӣ гардид. Конститутсияи нав Тоҷикистонро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сифати давлати мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муаррифӣ намуд.

Имрӯз Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари дар ҳалли масоили умдаи глобалӣ ташаббускор мешиносанд.

Таърихи навини кишвар баёнгари он аст, ки роҳи дар муддати беш аз 30 сол сипаринамудаи мо ҳамвор ва бехатар набуд. Барои расидан ба дастовардҳои имрӯза халқи мо мушкилоти сахту сангинро паси сар кард.

Ба ҳамагон маълум аст, ки Тоҷикистон дар соли 1991 баробари эълон кардани Истиқлоли давлатӣ ба вартаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд. Ин фоҷиаи миллӣ ба беназмиву беҳокимиятӣ боис гардид.

Дар он замон ҳизбу ҳаракатҳои алоҳидаи навтаъсис фирефтаи мафкура ва ҳадафҳои харобкоронаи душманони дохиливу хориҷӣ шуда, ба мақсади ғасби ҳокимият алангаи ҷанги бародаркушро шиддат доданд. Дар натиҷаи он беш аз 150 ҳазор нафар ҳамватани мо кушта шуда, як миллион нафар гуреза ва сарсону саргардон гардид. Ба иқтисодиёти Тоҷикистон даҳҳо миллиард доллар зарар расонида шуд.

Бо вуҷуди вазъи ниҳоят мураккаби ҷамъиятиву сиёсӣ мо дар якҷоягӣ бо мардуми шарифи кишвар ва сохторҳои низомӣ тавонистем, ки якпорчагиву тамомияти арзии давлат ва соҳибистиқлолии комили кишвари азизамонро ҳифз карда, сохти конститутсионӣ ва сулҳу оромиро дар қаламрави мамлакат барқарор намоем.

Махсус таъкид менамоям, ки нақши кормандони мақомоти амнияти миллӣ, аз ҷумла афсарону сарбозони воҳиди «Алфа», дар барқарорсозии суботи сиёсии мамлакат бузург мебошад. Низомиёни ин ниҳод дар ҷараёни имтиҳону озмоишҳои вазнин матонату далерӣ ва шуҷоату мардонагӣ нишон дода, борҳо собит карданд, ки ба ҳимояи истиқлолу озодии Тоҷикистон қодир мебошанд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Имрӯз инсоният дар марҳалаи ниҳоят ҳассосу хатарноке қарор дорад, ки таърихи муосир дар ёд надорад. Рақобатҳои шадиди геополитикӣ ҳалли масъалаҳои рӯзмарраи рӯзномаи ҷаҳониро мураккаб гардонидаанд. Ҳамзамон бо ин, густариши бесобиқаи фаъолияти гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ имрӯзҳо низоми амнияти байналмилалиро ба таври ҷиддӣ халалдор кардааст.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ИФТИТОҲИ МАРКАЗИ ТАЪЛИМИИ ВОҲИДҲОИ ТАЪИНОТИ МАХСУСИ КДАМ



**Якуми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вилояти Хатлон маркази таълимии воҳидҳои таъиноти махсуси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди истифода қарор доданд.**

Зимни шиносоӣ бо ин маркази бисёрфунксионалӣ аён гардид, ки он дорои бинoю иншооти сершумори таълимию машқӣ, аз ҷумла машқҳои низомии тирандозӣ аз навъҳои гуногуни аслиҳа, машқҳои мухталифи зиддитеррористию варзишӣ ва шароити муосир барои обутоби руҳию равонӣ ва ҷисмонии ҳайати шахсии воҳидҳои таъиноти махсус буда, бо истифода аз техникаю таҷҳизот ва технологияҳои навтарини мувофиқ ба талаботи замон муҷаҳҳаз гардидааст.

Дар ин маркази таълимии муосир, ки дар мавзеи бисёр зебои табиати биҳиштосои Тоҷикистони азиз қарор гирифтааст, тамоми шароити зарурии маишӣ ҳам муҳайё мебошад. Аз ҷумла, хобгоҳҳои муҷаҳҳаз, нуқтаи хизматрасонии тиббӣ, ҳаммому хушкашӯӣ, ошхонаҳои барҳаво ва хонаҳои истиқоматӣ барои афсарон ва аҳли оилаи онҳо мавҷуд аст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз шароити беҳтарини таълимию машқӣ ва маишию фароғатии дар ин маркази таълимӣ муҳайёшуда изҳори қаноатмандӣ намуда, ба роҳбарияти Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва ҳайати фармондеҳии воҳидҳои таъиноти махсуси он барои истифодаи пурсамар аз ин пойгоҳу заминаи воқеан муосири омодагашта дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Таъкид гардид, ки ин пойгоҳ бо чунин техникаю таҷҳизот ва ҳама шароити мусоид имкон медиҳад, ки ҳайати шахсии таъиноти махсус ҳамаҷониба ва бо сифати аъло омода карда шаванд, аз ҷумла бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонию минтақавӣ дар амалиётҳои ҷангӣ ва махсусе, ки дар гӯшаю канори гуногуни олам имрӯзҳо ҷараён дорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар назди роҳбарият ва ҳайати шахсии воҳидҳои таъиноти махсуси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла таъкид доштанд, ки вазъи басо мураккаб ва зуд-зуд тағйирёбандаву пешгӯинашавандаи ҷаҳони имрӯз аз ҳар як шаҳрванди кишвар, бахусус кормандону хизматчиёни Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, омодагии ҳамаҷонибаи низомию махсус, далерию шуҷоат, ҳисси баланди ватандӯстию садоқат ва фидокориҳоро талаб менамояд.

Боздиди Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз маркази таълимии воҳидҳои таъиноти махсуси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бо расми гузашти ҳайати шахсии он аз назди Пешвои миллат ва қадамзании зебою мутантани онҳо ҳусни анҷом ёфт.

**www.prezident.tj**

## БАРҚИЯИ ТАСАЛЛИЯТ

**2-юми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Подшоҳи Испания муҳтарам Филиппи VI барқияи тасаллият ирсол намуданд, ки дар он гуфта мешавад:**



**«Аълоҳазрат,**

Хабари ҳузнангези талафоти бузурги инсонӣ ва харобиҳои зиёд бар асари боришот ва обхезиҳои шадид дар минтақаҳои ҷанубу шарқии Испания боиси андуҳи амиқи мо гардид.

Дар ин лаҳзаҳои вазнин ҳамдардиву тасаллияти самимии инҷонибро ба Шумо, пайвандону наздикони қурбониёни офати фоҷиабор ва тамоми мардуми дӯсти Испания изҳор менамоям. Ба ҳамаи осебдидагон шифои комил мехоҳам».

**Сеюми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои анҷом додани боздиди расмӣ ва иштирок дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд - «Тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризм ва эҷоди механизмҳои самараноки сарҳадӣ – Марҳилаи кувайтии Раванди Душанбе» ба Давлати Кувайт сафар карданд.**

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР КУВАЙТ



Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, прокурори генералӣ, вазирони рушди иқтисод ва савдо, молия, саноат ва технологияҳои нав, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, раиси Кумитаи рушди сайёҳӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ намуданд.

**3-юми ноябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ вориди Давлати Кувайт шуданд.**

Дар толори махсуси Фурудгоҳи байналмилалии амирии пойтахти ин кишвар - шаҳри Ал-Кувайт Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Амири Давлати Кувайт Шайх Мишъал Ал-Аҳмад Ал-Ҷобир Ас-Сабоҳ ва Валиаҳди Давлати Кувайт Шайх Сабоҳ Ал-Холид Ал-Ҳамад Ал-Муборак Ас-Сабоҳ истиқбол гирифтанд.

Барои пазироии меҳмони олимақом дар Фурудгоҳи байналмилалии Ал-Кувайт, ҳамчунин, намояндагони воломақоми ин кишвар, ашхоси аршади Девони амирӣ ва роҳбарияти олирутбаи Горди амирӣ ҳузур доштанд.

Маросими истиқболи расмӣ бахшида ба сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Давлати Кувайт дар толори бузурги амирии Фурудгоҳи байналмилалии Ал-Кувайт баргузор шуд.

Баъди пазироии гарму самимии меҳмони олимақом Амири Давлати Кувайт Шайх Мишъал Ал-Аҳмад Ал-Ҷобир Ас-Сабоҳ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба болои шоҳсуфаи ифтихорӣ даъват намуданд. Ба ин муносибат дар толор ҷузъҳои горди фахрӣ ва оркестри асбобҳои нафасии амирӣ ва ҳайатҳои расмии ҳар ду ҷониб саф оростанд ва сурудҳои миллии ҳар ду кишвари дӯст садо дод.

Сипас фармондеҳи горди фахрии амирӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузориш дод. Дар ҳамон ҷо Сарвари давлати Тоҷикистон ва Амири Давлати Кувайт бо ҳайатҳои расмии ҳар ду ҷониб шинос шуданд.

Шиносоӣ бо ҳайатҳои расмии ҳар ду кишвар анҷомбахши маросими истиқболи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гардид.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР КУВАЙТ

(Идома аз саҳ. 1)

**3-юми ноябри соли равон дар Қасри Девони Амир мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Кувайт дар вохӯрии хосаи сарони давлатҳо оғоз шуда, бо иштироки ҳайатҳои расмии ҳар ду кишвар идома ёфт.**

Роҳбари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст барои даъват ҷиҳати анҷом додани сафари расмӣ, иштирок дар Конфронси сатҳи баланд ва барои истиқболи бародаронаву меҳмонавозии самимӣ ба Амири Давлати Кувайт Шайх Мишъал Ал-Аҳмад Ал-Ҷобир Ас-Сабоҳ арзи сипос намуданд.

«Мо Давлати Кувайтро шарики боэътимоди худ дар минтақа ва ҷаҳон медонем ва омодаем, ки барои таҳкими минбаъдаи муносибатҳо бо он тадбирҳои муштараки амалӣ андешем»,- изҳор доштанд Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Ҷонибҳо аз сатҳу муҳтавои имрӯзаи муносибатҳои ҳар ду кишвар изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Зимни суҳбат таваҷҷуҳи зиёд ба тавсеаи ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ зоҳир гардид. Дар ин робита бештар фаъол намудани Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ, таъсис додани Шурои соҳибкорони ҳар ду кишвар ва Фонди муштараки сармоягузорӣ зарур шуморида шуд.

Баргузории анҷуманҳои соҳибкорон ва намоишгоҳҳои молу маҳсулот низ ба



нафъи ҳар ду кишвар дониста шуд.

Ба давлати Кувайт барои саҳмгузории Фонди кувайтӣ оид ба рушд дар маблағгузории лоиҳаҳои муҳими Тоҷикистон дар самтҳои роҳсозӣ, энергетика ва обрасонӣ изҳори сипос карда шуд.

Ҷалби сармояи кувайтӣ ба татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои саноати сабук, хӯроквориӣ, металлургия, кишоварзӣ ва дорусозӣ аз мавзуъҳои дигари суҳбат буд.

Ҷонибҳо барои тавсеаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои мухталифи фарҳангию башарӣ низ изҳори ҳавасмандӣ намуданд.

Густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои сайёҳӣ, илму маориф, тандурустӣ аз самтҳои ояндадори муносибатҳои ҳар ду кишвар унвон гардид.

Зимни баррасии масоили иҷтимоӣ Амири Давлати Кувайт аз ҷумла, изҳор доштанд, ки аз сиёсати босамари Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирии бонувон ва баланд бардоштани мақоми онҳо дар ҷомеа бохабаранд ва онҳо низ дар Кувайт ҳамин сиёсатро пеш гирифтаанд ва аз миёни хонумон чандин нафарро ба вазифаҳои роҳбарӣ дар умури давлатӣ таъин намудаанд.

Ба имзо расидани Ёддошти тафоҳум миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Кувайт оид ба танзими қувваи корӣ дар бахши хусусӣ дар ҳошияи музокироти имрӯза барои ҷонибҳо судбахш номида шуд.

Зимни баррасии ҳамкорӣ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба Давлати Кувайт барои дастгирӣ аз иқдомоти ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим арзи сипос карда шуд. Изҳори умед карда шуд, ки кишвари дӯст аз қабули қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид аз рӯи пешниҳоди Тоҷикистон оид ба «Даҳсолаи таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда» ҳам ҷонибдорӣ мекунад.

Бо назардошти хавфу таҳдидҳои замони муосир ба амну субот масъалаҳои муқовимат ба терроризм ва ифротгароӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор дошт.

Дар интиҳои мулоқоту музокироти сатҳи олӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Амири Давлати Кувайт даъват намуданд, ки дар вақти барояшон муносиб ба Тоҷикистон бо сафари расмӣ ташриф биёранд.

**3-юми ноябри соли 2024 дар шаҳри Ал-Кувайт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Валиаҳди Давлати Кувайт Шайх Сабоҳ Ал-Холид Ал-Ҳамад Ал-Муборак Ас-Сабоҳ мулоқот намуданд.**

Дар вохӯрӣ маҷмӯи масоили муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба баррасӣ шуд.

«Мо ба рушди бештари робитаҳои густурда бо кишвари дӯсту бародар - Кувайт таваҷҷуҳи пайваста зоҳир менамоем», - изҳор доштанд Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистону Кувайт дар татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ барои ҳар ду ҷониб судбахш имкониятҳои зиёди ҳамкорӣ доранд.



Ҷалби сармояи кувайтӣ дар Тоҷикистон барои ба роҳ мондани содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва оби нӯшокӣ ба Кувайт ҳам ба манфиати кор дониста шуд.

Ҷиҳати баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ, конфронсҳои илмию амалӣ, табодули донишҷӯён ва устодон, барқарор намудани тамосҳо миёни муассисаҳои илмӣ ва таҳсилотии ҳар ду кишвар изҳори ҳавасмандӣ карда шуд.

Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз қарори Ҳукумати Кувайт доир ба ифтитоҳи сафорати ин кишвар дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби Валиаҳди давлат иброз гардид, истиқбол намуданд.

Гуфтугӯи судманд, ҳамчунин, доир ба дигар масоили мавриди таваҷҷуҳи ҳар ду ҷониб сурат гирифт.



**3-юми ноябри соли ҷорӣ пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олӣ дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Валиаҳди Давлати Кувайт Шайх Сабоҳ Ал-Холид Ал-Ҳамад Ал-Муборак Ас-Сабоҳ маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ баргузор шуд.**



Барои таҳкиму тавсеаи муносибатҳои ҳамкорӣ, дар маҷмӯъ, 9 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид. Аз ҷумла, 5 санади он дар ҳузури сарони давлатҳо ва 4-тои дигар дар ҳошияи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Давлати Кувайт:

- Ёддошти тафоҳум миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Кувайт оид ба танзими қувваи корӣ дар бахши хусусӣ;

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ миёни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи дипломатии Вазорати корҳои хориҷии Давлати Кувайт;

- Ёддошти тафоҳум миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Кувайт оид ба ҳамкории тиҷоратӣ;

- Ёддошти тафоҳум миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Кувайт оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи саноат;

- Протокол дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Кувайт оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирии саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя;

- Созишнома оид ба ҳамкорӣ миёни Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» ва Агентии иттилоотии Давлати Кувайт «Kuna»;

- Ёддошти тафоҳум миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Кувайт дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

- Ёддошти тафоҳум миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Кувайт оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи стандартизатсия;

- Барномаи иҷроияи Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Кувайт оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ барои солҳои 2024-2026.

**3-юми ноябри соли равон дар шаҳри Ал-Кувайт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо муовини якуми Сарвазир, вазири мудофиа ва вазири корҳои дохилии Давлати Кувайт Шайх Фаҳд Юсуф Сауд ас-Сабоҳ мулоқот намуданд.**

Дар вохӯрӣ масоили таҳкиму тавсеаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории судманди ҳар ду кишвар баррасӣ гардид.

Ҷонибҳо аз сатҳи муносиботи сиёсӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, онро заминаи мусоид барои таҳким ва густариши ҳамкорӣ дар ҳама бахшҳои дигар маънӣ доданд.

Иштироки доираҳои молиявӣ ва сармоягузории Кувайт дар татбиқи лоиҳаҳо дар бахшҳои воқеии иқтисоди мо, аз ҷумла саноати сабук, коркарди маъдан ва маҳсулоти кишоварзӣ, самти ояндадори ҳамкории ҳар ду кишвар номида шуд.

Ҳар ду ҷониб алоқаманди ба роҳ мондани робитаҳо дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ шуда, имзои Ёддошти тафоҳум оид ба танзими қувваи корӣ дар бахши хусусиро санади муҳими ҳамкорӣ дар ин соҳа маънӣ доданд.

Баргузории Конфронси байналмилалӣ - марҳилаи кувайтии «Раванди Душанбе оид ба мубориза бо терроризм» иқдоми муҳим дар самти таъмини амну субот арзёбӣ гардид.

Дар мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва дигар хатарҳои ҷаҳони муосир, ҳамчунин, тақвияти ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистону Кувайт зарур шуморида шуд.

**3-юми ноябри соли 2024 дар шаҳри Ал-Кувайт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо вазири корҳои хориҷии Давлати Кувайт Абдуллоҳ Алӣ Абдуллоҳ Солеҳ Ал-Яҳё мулоқот намуданд.**

Дар вохӯрӣ ҳолати кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои гуногунҷанбаи ҳар ду кишвар баррасӣ шуд.

Ба саҳми Фонди кувайтии рушд дар татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузории Тоҷикистон баҳои баланд дода шуд. Таъкид гардид, ки ҳамкории ҳар ду кишвар дар соҳаҳои фарҳанг ва илму маориф тавсеа меёбад.

Зимни муҳокимаи масоили байналмилалӣ ва минтақавӣ аз ҳамкории судманди Тоҷикистону Кувайт дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории исломӣ, Муколамаи ҳамкории Осиё ва ғайра изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Таъкид гардид, ки кишварҳо оид ба аксари масъалаҳои рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ мавқеъҳои наздик ва ё ҳамсон доранд.

Ҳар ду ҷониб ба татбиқи босамари ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар масъалаҳои обу иқлим изҳори алоқамандӣ карданд.

Сарвари давлати мо ба ташаббуси Тоҷикистон, ки дар Иҷлосияи 79-уми Маҷмаи умумии СММ доир ба қабули қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълони «Даҳсолаи таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда» пешниҳод гардид, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд.

Гуфтугӯи судманд, ҳамчунин, оид ба дигар масъалаҳои мубрами мавриди таваҷҷуҳи ҳар ду ҷониб сурат гирифт.

www.prezident.tj

# РОҲИ СИПАРИНАМУДАИ МО ҲАМВОРУ БЕХАТАР НАБУД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази таълимии воҳидҳои таъиноти махсуси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар вилояти Хатлон**

**1-уми ноябри соли 2024**

(Идома аз саҳ. 1)

Афзоиши қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноят-кориҳои муташаккили фаромиллӣ инсониятро дар рӯ ба рӯи мушкилоти зиёд қарор додаанд. Дар чунин шароити мураккаб ва хатарзо таъмин намудани бехатарии шахс, ҷомеа, давлат ва ҳифзи сохти конститутсионии мамлакат, ки манфиати ҳаётан муҳими Тоҷикистон мебошад, вазифаи аввалиндараҷаи мақомоти амнияти миллӣ ба шумор меравад.

Мо аз нахустин рӯзҳои соҳибистиқлолии давлатамон эълон доштем, ки Тоҷикистон дар мубориза бо терроризму ифротгароӣ шарики табиии ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ва омодаи ҳамкорӣ бо онҳо мебошад.

Тоҷикистон ҳама гуна амалҳои хатарзо, аз ҷумла терроризму тундгароӣ ва дигар зуҳуроти зӯровариро қатъиян маҳкум менамояд. Сиёсати мо дар ин самт бар он асос ёфтааст, ки террорист ватан, миллат, дин ва нажод надорад. Мо бояд заминаи мубориза бо омилҳои ба терроризму ифротгароӣ мусоидаткунандаро тақвият диҳем.

Боз ҳам хотирнишон месозам, ки мо сохторҳои низомии кишвар, аз ҷумла Қувваҳои Мусаллаҳро дар марҳалаи ниҳоят ҳассосу мураккаби кишвар ва дар ҷойи холӣ таъсис додем.

Дар замони соҳибистиқлолӣ бо саъю кӯшиши роҳбарияти олии давлат ҷиҳати бо мутахассисони касбӣ таъмин намудани Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар дар дохил ва хориҷи мамлакат ҳудуди 30 ҳазор мутахассис омода карда шуд.

Ба ҳолати имрӯза беш аз 80 фоизи низомиёни Артиши миллӣ хатмкардагони донишкадаҳо ва академияҳои ҳарбӣ, яъне мутахассисони касбӣ, мебошанд.

Дастгирии иҷтимоии афсарону сарбозон ва ғамхорӣ ба онҳо пайваста дар мадди назари Ҳукумати кишвар қарор дорад. Танҳо соли ҷорӣ маоши вазифавии ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ, аз ҷумла кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, 40 фоиз зиёд карда шуд.

Вазъияти мураккаб ва пешгӯинашавандаи ҷаҳон тақозо дорад, ки кормандони мақомоти амнияти миллӣ боз ҳам бештар ҳушёриву зиракӣ нишон дода, рисолати миллии худро дар сатҳи баланд иҷро намоянд.

Вақте ки сухан дар бораи фаъолияти мақомоти амнияти Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ ва раванди азнавсозӣ дар онҳо меравад, ҳатман аз воҳиди таъиноти махсуси зиддитеррористии «Алфа» бояд ёдовар шуд. Воҳиди мазкур дар мубориза бар зидди таҳдиду хатарҳои замони муосир нақши муҳим дорад.

Бинобар авҷ гирифтани фаъолияти тахрибкоронаи душманон бар зидди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 90-ум 25-уми апрели соли 1994, дар шароити ниҳоят вазнин ва мураккаби вазъи дохилӣ воҳиди «Алфа» таъсис дода шуд. «Алфа» аз рӯзҳои аввали ташкилёбӣ ҳамчун сохтори муназзаму муҷаҳҳаз дар хати пеши мубориза бо терроризм қарор дорад. Ҳайати шахсии ин воҳид дар амалиётҳои махсуси ҷангӣ ҷиҳати озод намудани гаравгонон ва безарар гардонидани гурӯҳҳои террористӣ иштирок намуда, мардонагиву далерӣ ва қаҳрамонӣ нишон доданд. Шасту чор нафари онҳо дар роҳи барқарорсозии сохти конститутсионӣ ва таъмини сулҳу субот ҷони худро аз даст доданд.

Барои нишон додани матонату корнамоӣ ва диловариву далерӣ дар амалиётҳои ҷангӣ зиёда аз 100 нафар бо мукофотҳои олии давлатӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Дар давоми сӣ сол воҳиди «Алфа» аз гурӯҳи хурд ба сохтори муназзами ҷангии зиддитеррористӣ ва дорои силоҳу таҷҳизоти замонавӣ табдил ёфт. Имрӯз он иқтидори кофии мубориза бо ҳама гуна хавфу хатарҳоро дорад ва такягоҳи боэътимоди халқу давлат ба ҳисоб меравад.

Ҳукумати мамлакат бо назардошти нақши ин сохтори муҳим дар таъмини амнияти давлат ба таҳкими заминаи моддиву техникӣ, бунёду азнавсозӣ ва таҷҳизонидани инфрасохтори он бо технологияҳои муосир пайваста таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Дар натиҷа, шароити хизмат ва зиндагии ҳайати шахсии воҳид рӯз ба рӯз беҳтар шуда истодааст.

Имрӯз зиёда аз 70 нафар кормандони воҳиди «Алфа» дар шаҳри Душанбе бо манзили истиқоматӣ таъмин мебошанд. Ҳамчунин, иншооти марбут ба воҳиди мазкур дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва Хоруғ пурра азнавсозӣ гардида, соли 2017 иншооти замонавӣ бо тамоми шароит барои ҳайати шахсии «Алфа» дар вилояти Суғд ба истифода дода шуд. Ҳоло дар шаҳри Душанбе сохтмони бинои навбатӣ барои кормандони «Алфа» идома дорад. Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар 410 оилаи хизматчии ҳарбии воҳиди «Алфа» бо манзили истиқоматӣ ва қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин карда шудаанд.

**Афсарону сарбозони муҳтарам!**

Сохтмони иншооти маркази таълимӣ, ки имрӯз мавриди истифода қарор гирифт, соли 2021 дар масоҳати қариб 5 гектар оғоз гардида, дар он 17 бино ва 15 иншооти таъиноти гуногун, аз ҷумла бинои ҳамлаварӣ, синфхонаҳо, хобгоҳ, толори варзиш, ошхона, маҷлисгоҳ ва дигар биноҳои ёрирасон, сохта шудааст. Дар дохили маркази таълимӣ барои баргузор кардани машқҳои тактикӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Бояд гуфт, ки пойгоҳи мазкур, пеш аз ҳама, боргоҳи маърифат, дониш, такмили тахассус ва баланд бардоштани сатҳи касбият ба шумор меравад. Дар он ҷиҳати аз худ кардани тактикаи ҷангӣ ва обутоби ҷисму равони сарбозони «Алфа» дар шароити кӯҳистон тамоми имкониятҳои муосир фароҳам оварда шудаанд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Вазъи имрӯзаи ҷаҳон зудтағйирёбанда ва ниҳоят ҳассос боқӣ мемонад. Дар чунин ҳолат Ҳукумати мамлакат ва роҳбарияти Кумитаи давлатии амнияти миллиро лозим аст, ки барои боз ҳам беҳтар намудани шароити зиндагиву хизмат, омода намудани кадрҳои ҷавон ва таъмини ҷузъу томҳо бо техникаву таҷҳизоти махсус мунтазам чораҷӯӣ карда, ба баланд бардоштани сатҳи касбияти сарбозон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд.

Таҳдиду хатарҳои рӯзафзуни замони муосир моро водор менамоянд, ки корҳои тарбиявиро дар байни ҳайати шахсӣ, бахусус кадрҳои ҷавон, тақвият дода, онҳоро ба ҳимояи марзу буми Ватан омода созем.

Дар ин зимн бояд ба масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ, баланд бардоштани ҳувият ва худшиносии миллӣ, пос доштани арзишҳои дунявӣ ва рақобатпазир гардонидани ҷузъу томҳои низомӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шавад. Инчунин, махсус таъкид менамоям, ки ҳар як хизматчии ҳарбӣ, аз ҷумла афсарону сарбозони «Алфа», оинномаҳои ҳарбӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро дақиқан риоя карда, интизоми ҳарбиро дар ҳама ҳолат нигоҳ доранд.

Дар шароити бисёр мураккабу печидаи замони муосир масъулияти тамоми мақомоти низомӣ, аз ҷумла воҳиди таъиноти махсуси «Алфа», бамаротиб меафзояд. Сарбозони ин сохторро лозим аст, ки сатҳи донишу малакаи касбии худро мунтазам баланд бардошта, зираку ҳушёр бошанд ва омодагии ҷангии худро такмил диҳанд.

Низомиёни далеру матинародаи воҳиди «Алфа» бояд хуб дарк намоянд, ки хизмати содиқона ба Ватан, миллат ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон рисолат ва масъулияти бузурги миллӣ ба ҳисоб меравад. Бовар дорам, ки афсарону сарбозони бонангу номуси воҳиди «Алфа» минбаъд низ бо садоқат ба савганди ҳарбӣ ва фидокорӣ ба Ватан дар сафи пеши мубориза бо терроризм қарор дошта, сулҳу суботро дар кишвар ҳимоя мекунанд.

Бори дигар ҳамаи шуморо ба ифтихори сисолагии қабули нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ифтитоҳи маркази таълимии навбунёд табрик гуфта, ба ҳар яки шумо саломатӣ, руҳи матин ва иродаи қавӣ орзу менамоям.

**Ҳамеша саломату сарбаланд ва комёб бошед, ҳомиёни Ватан ва фарзандони содиқи Тоҷикистон!**

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ - МАҶМӮИ АНДЕШАҲО ДАР БОРАИ ҚОНУН

**28-уми декабри соли 2023, зимни ироаи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷмҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон шуд.**

Воқеан, қабули Конститутсияи даврони соҳибистиқлолии кишвар 6 ноябри соли 1994 ҳамчун ҳуҷҷати дорои эътибори олии ҳуқуқӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эълон намуд ва самтҳои нави рушди ҷомеаро муайян кард. Арзиши олӣ эътироф намудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ, ҷонибдорӣ аз принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, инчунин, эътирофи гуногуншаклии моликият, махсусан моликияти хусусӣ, аз ҷумлаи пешравиҳое мебошанд, ки заминаи рушди сифатан нави давлат ва ҷомеа гардиданд. Меҳвари сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи онҳо, гуногунандешии сиёсӣ, баробарии шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва рақобати озод дар иқтисодиёт, ташкил медиҳанд. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назар доштани арзишҳои умумибашарӣ ва манфиатҳои миллӣ, таъсири ҷаҳонишавӣ, амалӣ мешавад. Он ба коҳиш додани таъсири манфии ҷаҳонишавӣ, муқовимат бо хатарҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ, ҳифзи фазои иттилоотии ҷумҳурӣ аз хатарҳои иттилоотии ҷаҳони муосир равона шудааст.

Маърифати ҳуқуқӣ маҷмӯи андешаҳо дар бораи қонун, татбиқи он ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, ки дар шакли дониш, эътиқод, меъёрҳо ва муносибатҳои аз ҷониби ҷомеа қабулшуда ташаккул ёфтааст. Маърифати ҳуқуқиро метавон ба маънои маҳдуд ва васеъ баррасӣ кард. Ба маънои маҳдуд маърифати ҳуқуқӣ низоми муносибатҳоест, ки байни одамон ва ташкилотҳои гуногун дар натиҷаи ҳамкории дарозмуддати онҳо ташаккул ёфтааст. Табиист, ки ин гуна муносибатҳо бо қонун танзим ва аз тарафи давлат ҳифз мешаванд.

Ба маънои васеъ ин мафҳум тамоми анбори донишҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки инсоният пештар ҷамъ кардааст ва аз тарафи одамон дар ҳаёти харрӯза, дар муносибат бо ҳамдигар, дар меҳнат ва дигар соҳаҳо татбиқ карда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки дар асоси «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» аз 6 феврали соли 2018, №1005, баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад ва ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ, шаҳрвандон оид ба муайян намудани мақсадҳо, вазифаҳо, афзалият, воситаҳо ва шаклҳои тарбияи ҳуқуқӣ баромад намуда, тавассути таъмини сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ, тарғиби ҳуқуқӣ, инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиноси касбӣ амалӣ мешавад. Тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати тарбиявии давлат буда, дар робита бо тарбияи сиёсӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва намудҳои дигари тарбияи инсон бояд анҷом дода шавад. Ташаккули инсони комил истифодаи якҷояи ҳамаи намудҳои тарбияро талаб мекунад. Тарбияи ҳуқуқӣ бо назардошти арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ ва одату арзишҳои миллӣ ба амал бароварда мешавад.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълими ҳуқуқӣ ҳалли вазифаҳои зеринро пешбинӣ менамояд: тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиносии касбии баландихтисос, ки барои фаъолияти ҳуқуқӣ дар шароити вусъати равобити байналмилалӣ омода мебошанд, такмили сиёсати таҳсилот дар соҳаи тарбияи кадрҳои ҳуқуқшинос, баланд бардоштани сатҳи донишомӯзии ҳуқуқи байналмилалӣ бо назардошти дурнамои ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ дар судҳои байналмилалӣ, такмили тахассус пас аз гирифтани таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ, омода намудани кадрҳои дорои донишҳои махсуси иттилоотӣ мустаҳкам намудани унсурҳои иттилоотӣ ва технологии сиёсати таҳсилот бо дар назар доштани ворид шудани технологияҳои иттилоотӣ дар амалияи ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани махзани иттилоотии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ.

Сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии шаҳрванд, ки аз сифат ва дастрасии иттилооти ҳуқуқӣ вобаста мебошад, метавонад ба боло рафтани эҳтиром нисбат ба қонун ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи асосии батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ, паст шудани сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ, инчунин, дар ботини шахс ба вуҷуд овардани эътиқод ба рафтори ҳуқуқӣ, ташаккули масъулият оид ба итоат кардан ба муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат намояд.

Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

- таъмини мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бо нашрияи расмии иттилоотӣ-ҳуқуқӣ;
- ба аҳолӣ дастрас намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба онҳо;
- таъсис додани сомонаи ягонаи миллӣ бо ҷойгир кардани тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- такмил додани механизми коркарди муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун унсури муҳими баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар асоси ворид кардани дастовардҳои нави илму технология, пурзӯр кардани назорати ҷамъиятӣ.

Дар заминаи дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 30-солагии Конститутсия ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар кишвар ба сомон расонидани корҳои зерин саривақтӣ мебошад:

1. Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тоҷикистон таъсис дода шавад;
2. Дар кулли донишгоҳҳо нақшаи баргузории ҳамоишҳои илмии сатҳи гуногун бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ва 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад;
3. Барномаҳои телевизионӣ аз ҳисоби омӯзгорони донишгоҳу донишкадаҳои дорои ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дар давоми сол бахшида ба ин ҷашнҳо ҳар ҳафта баргузор карда шавад;
4. Ба мисли «Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» бахшида ба ин ҷашнҳо озмуни ҷумҳуриявӣ дар соҳаи ҳуқуқ ташкил карда шавад;
5. Дар олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ фанни ҳуқуқ ворид карда шавад;
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп ва ба ҳар як оилаи кишвар ройгон тақсим карда шавад.

**Д. САНГИНЗОД,
муовини ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

# ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ, ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ




**Бунёди давлати навин, дарвоқеъ, талошу заҳмати зиёд тақозо мекунад ва барои амалӣ сохтани раванди ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар ба вуҷуд овардани заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ зарур аст. Бо назардошти ин, ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ барои таъмини фаъолияти муътадили ҳокимияти қонунгузор тамоми шароити мусоид фароҳам шуд.**

Зеро танҳо бо роҳи танзими қонунии равандҳои мухталифи ҳаёт ва муносибатҳои ташаккулёбандаи ҷомеа, ки дар давраи гузариш қарор дошт ва мардуми кишвар ба марҳалаи созандагиву бунёдкорӣ қадамҳои нахустин мегузоштанд, ноил шудан ба пешравиҳо, амалигардонии ҳадафҳои стратегии давлат ва баланд бардоштани обрӯю эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ имконпазир буд. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намудаанд: «Рӯзи Истиқлолият на танҳо ҷашни бузурги сиёсии давлати тоҷикон, балки нишонаи барҷастаи садоқату шукрона ба ватани аҷдодӣ ва ҷашни заҳмати созанда ба хотири рушди кишвари азизамон ба шумор меравад».

Калимаи «истиқлолият» бо маҳфуми «соҳибихтиёрӣ» низ ифода мешавад. Соҳибихтиёрӣ ин истиқлолияти давлат дар корҳои беруна ва ҳокимият дар корҳои дохилӣ аст. Маҳфуми соҳибихтиёрӣ ифодакунандаи хусусияти умумии ҳар як давлат ва сифати ҳуқуқии ҷудонашавандаи давлати мустақил мебошад, ки ифодакунандаи нишонаи мустақилияти сиёсиву ҳуқуқӣ, масъулияти олӣ ва арзиши он ҳамчун субъекти алоҳидаи ҳуқуқи байналмилалӣ аст. Эҳтироми соҳибихтиёрии давлат принсипи асосии ҳуқуқи байналмилалӣ ва муносибати байналмилалии муосир буда, дар Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва дар дигар санадҳои байналмилалӣ дарҷ гардидааст.

Дар баробари соҳибихтиёрии давлат мафҳуми соҳибихтиёрии миллӣ ташаккул ёфтааст, ки ҳамчун ҳуқуқи ҳар як миллат ба худмуайянкунӣ маънидод мегардад. Мазмуни соҳибихтиёрии миллиро ҳокимияти пурраи миллат ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони он дар яке шаклҳои идоракунии давлат ташкил медиҳад. Соҳибихтиёрии миллӣ ба воситаи иқтисодиёти сиёсии ҷомеа таъмин мегардад. Аз рӯи моҳият соҳибихтиёрии миллӣ принсипи демократӣ аст, ки амалинамоии он ба дарки манфиатҳои худи миллат ҷиҳати вуҷуд доштан ва инкишоф ёфтан вобаста аст. Принсипи соҳибихтиёрии миллӣ мутлақияти миллатро ифода намуда, ба соҳибихтиёрии давлат сифати нав мебахшад. Ҳуқуқ ба соҳибихтиёрии давлат дар марҳилаи муайяни таърихӣ ҳуқуқи миллат мегардад, ки аз ҷониби миллат дар шакли ташкили давлати нав ва ё ворид гардидан ба ҳайати иттиҳоди давлатҳои бузург амалӣ мешавад.

Мафҳуми истиқлолият нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз садсолаҳо, дар солҳои 90-уми асри гузашта, ба миллати тоҷик дубора насиб гардид. Дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ қабул шудани санадҳо «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шаҳодати он буд, ки ташаккули давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон баъд аз Эъломияи соҳибистиқлолӣ аз 24-уми августи соли 1990 ва Изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми сентябри соли 1991 ба марҳилаи нав ворид гардид.

Сарвари тозаинтихоби давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муроҷиатномаи худ 12-уми декабри соли 1992 дар қатори вазифаҳои аввалиндараҷа ҳаллу фасли масъалаҳои зеринро ба миён гузошта буданд: «Асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нав карда, онро бо назардошти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ такмил дода, барои бунёди давлати нав, давлати демократии ҳуқуқбунёд замина гузоштан зарур аст».

Истиқлолият ба ҷумҳурии азизамон осон ба даст наомадааст. Махсусан, дар роҳи қонуният ва барқарор кардани шохаҳои ҳокимият, аз ҷумла ҳокимияти қонунгузор. Дар даврони соҳибистиқлолӣ қонунгузории мамлакат се давраи асосиро тай намудааст:

1. Давраи аввали ташаккул ва рушди қонунгузории давлати соҳибистиқлол - аз соли 1991 то соли 1994. Хусусияти тараққиёти қонунгузории кишвар дар ин марҳила аз он иборат буд, ки асосҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои навини иқтисодию сиёсии бамиёномада ба танзим дароварда мешуд, ҳамон Конститутсияи (Қонуни асосии) Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистони соли 1978 бо тағйиру иловаҳои минбаъда ва қонунҳои амалкунандаи замони шуравӣ буд, ки наметавонист ба таври бояду шояд барои рушди муносибатҳои бавуҷудомада мусоидат намояд. Ҳамзамон, Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 1991 Созишномаи ташкил намудани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (СНГ)-ро, ки 8 декабри соли 1991 дар шаҳри Минск ба имзо расида буд, тасдиқ намуд ва дар қисми 2 ҳамин қарор қайд гардид, ки «минбаъд то қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди ҷумҳурӣ қонунҳои марбутаи собиқ Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ татбиқ мешавад, агар онҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои дигари ҷумҳурӣ мухолифат надошта бошанд».

2. Давраи дуюм - давраи гузоштани заминаи нави қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 то гузаронидани интихобот ва ба кор оғоз кардани парламенти касбии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Давраи мазкурро марҳилаи гузоштани заминаи нави қонунгузории кишвар гуфтан ҷоиз мебошад. Конститутсия заминаи иқтисоди бозорӣ, аз ҷумла шаклҳои гуногуни моликиятро ба сифати асоси иқтисодиёти кишвар эътироф кард. Фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, бахусус моликияти хусусиро кафолат дод. Қобили зикр аст, ки солҳои 1995-2000-ум дар заминаи Конститутсияи нав даъвати якуми парламенти Тоҷикистони соҳибистиқлол фаъолият дошт, ки бо қабули 79 қонуни мукаммал, 5 қонуни конститутсионӣ ва 9 кодекс таҳкурсии меъёрии низоми ҳуқуқии кишварро ба вуҷуд овард.

3. Давраи сеюм - давраи такмили минбаъдаи қонунгузории кишвар аз соли 2000 то ба имрӯз аст. Дар ин давра қабули қонунҳои зиёди моддию мурофиавии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ босуръат идома ёфта, ҳамзамон, тағйиру иловаҳои зиёд ба қонунгузории амалкунанда ворид шуд, кодексҳои андоз, меҳнат, замин ва дигар қонунҳои соҳавӣ бомаром таҳия, қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд. Дар ин давра, инчунин, ҷараёни аз эътибор соқит донистан ва аз нав дида баромадани қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар давраҳои якуму дуюм қабулшуда босуръат идома ёфт.

Аз соли 2000-ум парламентаризми Тоҷикистон ба зинаи нав – ба давраи парлумони касбӣ гузашта, дар баробари намояндагӣ аз халқ, ифодаи иродаи мардум ва дифоъ аз манфиатҳои имрӯзу фардои шаҳрвандон бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар роҳи ташаккули низоми ҳуқуқии кишвар, тарғиби демократия, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаклгирии давлати демократию дунявии тоҷик нақши бузургу тақдирсоз дорад. Имрӯз бо боварии том метавон гуфт, ки мақоми олии қонунгузории кишвар тӯли беш аз сию се соли Истиқлоли давлатӣ дар баробари иҷрои рисолати қонунэҷодкунӣ ва намояндагӣ, таҳияи таҳкурсии ҳуқуқӣ ва қолаби қонунии рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист маҷмӯи асосҳои ҳуқуқии кишварро ба низоми ҳуқуқии давлати комилан мустақили миллӣ табдил диҳад. Қобили зикр аст, ки дар сию се соли Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи амалишавии мақсаду мароми ҷомеаи навин, яъне бунёди давлати соҳибихтиёр, демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию ягона вакилони даъватҳои якум то шашум тавонистанд қадамҳои устувор гузошта, сиёсати давлатро барои боз ҳам васеътар ворид намудани меъёрҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфташуда ба низоми қонунгузории миллӣ равона намуда, зиёда аз 700 санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул намоянд.

Дар ҷомеаи мутамаддини муосир қонун ҳамчун василаи танзимкунандаи ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа нақш ва мавқеи бебаҳс дорад, зеро инкишофу пешрафти ҷомеа фақат бо роҳи танзими қонунӣ ва одилонаи муносибатҳои ҷамъиятӣ имконпазир аст. Муайян намудани зарурати таҳияи лоиҳаи қонунҳо, муқоисаи онҳо бо қонунҳои амалкунанда, омӯзиш ва муайян намудани мувофиқати қонунҳои қабулшаванда ба талаботи замон ва ҷомеа, инчунин, аз нигоҳи илмӣ асоснок намудани онҳо имконияти зиёд доранд ва бояд аз он ҳар чӣ бештар ва самаранок истифода шавад. Дар заминаи ин омилҳо ва бо мақсади рушду такомули санадҳои қонунгузорӣ, ки муносибатҳои ҷамъиятии мухталифро танзим менамоянд, қабули «Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, №1021, тасдиқ шудааст, дар рушди қонунгузории мамлакат нақши хоса дорад. Барои амалӣ намудан ва танзими муносибатҳои ҷамъиятии мухталиф барномаҳои давлатии татбиқи консепсияи мазкур дар соҳаҳои гуногун қабул ва амалӣ шуд.

Вобаста ба рушди қонунгузории мамлакат қабули «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005, тасдиқ шуд, хеле саривақтӣ мебошад ва минбаъд инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ин ҳуҷҷати муҳими ҳуқуқӣ амалӣ мегардад.

Вазифаи муҳимтарин ва асосии ҳар давлат дар шароити муосири ҷаҳон ҳифзи Истиқлоли давлатӣ мебошад. Чуноне ки ҳифзи Истиқлоли давлатӣ дар меҳвари фаъолияти сиёсӣ ва ҳуқуқии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми ҷараёни давлатсозӣ ва давлатдории навини тоҷикон қарор дорад.

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамқадами замонанд. Бинобар ин, дар оянда ба парламенти кишвар зарур аст, ки дар асоси «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030» ба панҷ самти зерин таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд:

1. Таҳияи заминаҳои ҳуқуқии рушди устувори иқтисодӣ ҳамчун афзалияти раванди қонунэҷодкунӣ;
2. Қабули меъёрҳои нави қонунгузорӣ, ки ба табдилсозии Тоҷикистон аз кишвари аграриву саноатӣ ба саноативу аграрӣ мусоидати бештар намоянд;
3. Мукаммал намудани қонунҳои вобаста ба низоми иҷозатдиҳӣ, коҳиш додани сарбории маъмурии соҳибкорон, сода намудани тартиби иҷозатдиҳӣ, аз ҷумла додани литсензия, сертификат ва аккредитатсия;
4. Таҳким бахшидани манбаи қонунгузорӣ оид ба фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ);
5. Истифода намудани тамоми имконияти қонунгузорӣ ҷиҳати пешгирӣ ва мубориза беамон ба муқобили коррупсия.

Имрӯзҳо, ки мо 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлолу маҳбубамонро ҷашн мегирем, бо тамоми масъулият гуфта метавонем, ки бинои ҳуқуқии давлати соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шудааст ва дар саргаҳи он Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд.

Дар ин давра дар сатҳи байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр аз ҷониби кулли давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ эътироф шуд. Имрӯз Тоҷикистон бо 183 кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ дорад, 192 давлат истиқлоли давлатии Тоҷикистонро расман эътироф кардааст. Тоҷикистон дар созмонҳои минтақавӣ ва аксар созмонҳои байналмилалӣ узвият дошта, аз арзишҳо ва манофеи миллӣ дифоъ мекунад, дар масоили ҷаҳонӣ назари худро матраҳ месозад ва пешниҳодҳои мушаххасро дар бораи ҳалли ин масоил ба миён мегузорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият ба беш аз 350 санади байналмилалӣ, ба мисли конвенсияҳо, хартияҳо ва эъломияҳои байналмилалӣ, имзо гузошта, уҳдадориҳои худро дар мавриди расидан ба ҳадафҳои ҷаҳонӣ, аз қабили рушди иҷтимоӣ, беҳбуди вазъи иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва амсоли инҳо иҷро менамояд.

Баъд аз гузашти 33 сол аз Истиқлоли давлатӣ ва 30 сол аз қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол бо боварии комил гуфта метавонем, ки бо мудирияти мукаммали сиёсӣ инфрасохтори давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ тибқи муқаррарот бунёд шудааст. Вале, ҳамчунин, бояд муайян бошем, ки дар ҳар гуна ҷомеаи шаҳрвандӣ, новобаста ба низоми сиёсӣ, се гурӯҳи калидӣ - ақаллияти созанда, аксарият ё оммаи мардум ва ақаллияти харобкор пайдо мешаванд. Буҳроне, ки ба амал омаду доғи сиёҳе дар пардаи сафеди истиқлоли мо боқӣ гузошт ва рӯйдодҳои солҳои охир аз он дарак медиҳанд, ки гурӯҳҳои харобкор ҳанӯз дар ҳолати «санг дар бағал» қарор доранд. Пайравони онҳо, ки дар қолаби ҳизби сиёсии динӣ ва иттиҳоди неруҳои мухолифин зуҳур карда буданд, тӯли солҳои гуногуни истиқлолият чандин бор чеҳраи воқеии худро нишон доданд. Ҳолати ногувор ва номуайянӣ дар кишвари ҳамсоя, вазъи хатарбори сиёсию низомӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷаҳон метавонад ин қабил неруҳоро ба таҳрик оварад ва ниятҳои зишту нопокашонро озмоиш кунанд.

Бо итминон метавон гуфт, ки Тоҷикистон имрӯз қудрати комилан бартараф кардани чунин зуҳуроти номатлубро дорад, раванди сулҳу ваҳдати миллӣ ва созандагию ободониро дар ҷумҳурӣ ҳимоя карда метавонад. Дар баробари ин, моро зарур аст, ки дар муқобили нотавонбинии чунин неруҳои носолим зиракии сиёсӣ ва ҳушёрию ҳушмандии миллиро як лаҳза ҳам заиф нагардонем. Тавре Пешвои миллат ҳамеша таъкид менамоянд: «Ба даст овардани истиқлолият кори бисёр душвору заҳматталаб мебошад, вале ҳимояи пирӯзӣ ва дастовардҳои истиқлолият кори аз он ҳам душвортару пурмасъулият аст».

**Ҷамшед МУРТАЗОЗОДА,
раиси Комиссияи назорати Дастур ва ташкили кори МНМО ҶТ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

# РОҲНАМО БА СӮИ ЗИНДАГИИ ШОИСТА

**Аз ҷониби мардуми шарафманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки масъулият тавассути раъйпурсии умумихалқӣ 30 сол қабл Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки аз конститутсияҳои солҳои 1929, 1931, 1937 ва 1978 куллан фарқ дошта, ба стандартҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд.**



Тағйиру иловаҳои ба Конститутсия воридгардида меъёрҳои ин санади ҳуқуқиро такмил дода, барои рушди минбаъдаи Тоҷикистони озоду демократӣ ва ҳуқуқбунёд, пойдории сулҳу ваҳдат, суботи сиёсӣ, таъмини амнияти давлат, тақвияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, амалишавии ҳадафҳои стратегӣ, пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ ва амалишавии дигар тадбирҳои созанда барои таҳкими ҷомеаи навини мамлакат имконияти мусоид фароҳам оваранд. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун рӯйдоди бузургу тақдирсоз дар таърихи навини тоҷикон бо ҳарфҳои заррин сабт гардида, дар пешрафти ҳаёти ҷомеа ҳамчун роҳнамо ба сӯи зиндагии шоиста нақши бузург дорад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз меъёрҳои Эъломияи ҳуқуқи башар сарчашма мегирад ва тибқи моддаи 1 Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Давлат тамоми гурӯҳҳои ниёзманди аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакону навраcон, ятимону бепарасторон, оилаҳои камбизоат, пирону барҷомондагон, беморону маъюбон ва ғайраро зери парасторӣ ва ғамхории махсус гирифтааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста талош менамоянд, ки дар асоси ин санади тақдирсоз сатҳу сифати зиндагии халқ боз ҳам беҳтар ва Тоҷикистони азиз ободтару зеботар гардад. Бо ин мазмун Пешвои миллат дар яке аз суханрониҳо иброз доштанд: «Конститутсия ба сифати Қонуни олӣ заминаҳои ҳуқуқии пешрафти ҷомеаро аз тариқи қабули қонунҳои нав гузошта, муносибатҳои ҷамъиятии мухталифро таҳти танзим қарор медиҳад».

Ба ин тартиб, дар 30 соли амали Конститутсияи даврони соҳибистиқлолӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат рушд карданд, ки ин, пеш аз ҳама, натиҷаи сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст.

Ба шарофати Конститутсия, дар маҷмӯъ, рукнҳои давлатдорӣ, низоми ҳуқуқии мамлакат, волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ пойдор гардида, имрӯз татбиқи амалии чор ҳадафи стратегии мамлакат – расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар вусъату суръати тоза касб кардааст.

**Ф. САФАРЗОДА,
мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси Дастгоҳи МНМО ҶТ**

ОБУНА - 2025
ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2025 ДАВОМ ДОРАД.
ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.
НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 210 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.
*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:* с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877;
Шуъбаи №2 КВД БА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 425746 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Корҳои таъмирию сохтмонӣ дар хиёбони Исмоили Сомонии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 14.11.2024 14:00:00 |
| 2 | 425720 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, таҷҳизоти техникӣ, курсии идоравӣ ва барномаҳои зиддивирусӣ | Озмуни кушод | Мол | 64 | 22.11.2024 15:35:55 |
| 3 | 425649 | Мактаби муттаҳидаи техникии ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиа | Автомашина (Кроссовер), соли барориш 2005-2007 | Озмуни кушод | Мол | 1 | 22.11.2024 19:50:00 |
| 4 | 425723 | Маркази вилоятии бемориҳои дили шаҳри Хоруғ | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 22 | 22.11.2024 19:50:00 |
| 5 | 425542 | Беморхонаи марказиии шаҳри Хоруғ | Халтаҳои полиэтиленӣ бо дастаки бурида барои плёнкаҳои рентгенӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 22.11.2024 20:00:00 |
| 6 | 425543 | Беморхонаи марказии шаҳри Хоруғ | Анализатори нимавтоматии биохимиявӣ бо системаи кушода | Озмуни кушод | Мол | 1 | 22.11.2024 20:00:00 |
| 7 | 425738 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №36-и ноҳияи Ашт | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 25 | 25.11.2024 08:45:35 |
| 8 | 425730 | Раёсати иҷрои Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд | Таъмири ҳуҷраҳои кории Раёсати иҷрои Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, шаҳри Конибодом ва ноҳияи Шаҳристон | Озмуни кушод | Кор | 3 | 25.11.2024 09:00:00 |
| 9 | 425739 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Молҳои рӯзгор, сохтмон, лавозимоти идора, маснуоти автомобилӣ, либос ва рахти хоб | Озмуни кушод | Мол | 74 | 25.11.2024 09:00:35 |
| 10 | 425728 | Маркази саратоншиносии вилояти Суғд | Маводи реагентӣ | Озмуни кушод | Мол | 8 | 25.11.2024 09:09:09 |
| 11 | 425729 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20-и ба номи Раҳим Ҷалили шаҳри Хуҷанд | Таъмири ҷорӣ ва азнавсозии майдончаи варзиш дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20-и ба номи Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар шаҳри Хуҷанд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 25.11.2024 09:09:09 |
| 12 | 425731 | Муассисаи давлатии тандурустии таваллудхонаи вилояти Суғд | Реактивҳо, реагентҳо ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 47 | 25.11.2024 09:09:09 |
| 13 | 425732 | Муассисаи давлатии «Хона-интернати беморони рӯҳӣ»-и ноҳияи Ҷ. Расулов | Маводи доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 65 | 25.11.2024 09:09:09 |
| 14 | 425740 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи М. Миршакар» | Кондитсионерҳо | Озмуни кушод | Мол | 1 | 25.11.2024 09:30:00 |
| 15 | 425741 | Муассисаи давлатии тандурустии маркази саломатии ноҳияи Шаҳринав | Лавозимоти дандонпизишкӣ ва визиографи бесим | Озмуни кушод | Мол | 2 | 25.11.2024 09:35:00 |
| 16 | 425735 | Муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи умумии № 15-и н.Фархор | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 15 | 25.11.2024 10:09:07 |
| 17 | 425742 | Маркази саломатии ноҳияи Панҷ | Техникаи идоравию маишӣ ва дастгоҳи ултрасадо | Озмуни кушод | Мол | 14 | 25.11.2024 10:15:05 |
| 18 | 425743 | Муассисаи давлатии «Хонаи кӯдакони №1»-и шаҳри Душанбе | Маводи доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 38 | 25.11.2024 10:25:00 |
| 19 | 425745 | Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти техникӣ, маҷмӯаҳои мизи корӣ, роҳаткурсиҳои идоравӣ, баннерҳо, стендҳо, парчамҳо, гербҳо ва мебелҳои идоравӣ | Озмуни кушод | Мол | 20 | 25.11.2024 10:40:00 |
| 20 | 425747 | Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия» | Хизматрасонии чоп ва оварда расонидани маводи таблиғотӣ, аз ҷумла тақвимҳо дар шаклҳои гуногун (хонача, планшет, рӯимизӣ, рӯидеворӣ), ҷузвдонҳои туҳфавӣ | Озмуни кушод | Хизматра-сонӣ | 1 | 25.11.2024 14:00:00 |
| 21 | 425750 | Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангӣ-фароғатии «Ҷавонон»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Сӯзишворӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 25.11.2024 14:45:00 |
| 22 | 425752 | Муассисаи давлатии «Майдони Истиқлол»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Роҳаткурсӣ, мошини обкашӣ, мошини худгарди барфтозакунӣ ва лапоткаи тозакунандаи барф | Озмуни кушод | Мол | 4 | 25.11.2024 14:50:00 |
| 23 | 425751 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | Маводи канселярӣ, молҳои рӯзгор, либоси махсус, картриҷ ва аккумулятор | Озмуни кушод | Мол | 98 | 25.11.2024 14:50:30 |
| 24 | 425753 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни кушод | Мол | 89 | 25.11.2024 14:53:00 |
| 25 | 425755 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Гӯшти мурғ (бутун) | Озмуни кушод | Мол | 1 | 25.11.2024 15:00:00 |
| 26 | 425748 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе» | Пиёзаки гули лола | Озмуни кушод | Мол | 5 | 25.11.2024 15:15:15 |
| 27 | 425736 | Мақомоти муассисаҳои сохташавандаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Б. Ғафуров | Таъмир ва азнавсозии варзишгоҳи деҳоти Исфисори ноҳияи Б.Ғафуров (идомаи корҳо) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 25.11.2024 18:40:00 |
| 28 | 425737 | Мақомоти муассисаҳои сохташавандаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Б. Ғафуров | Мумфаршкунии даромадгоҳи варзишгоҳи деҳоти Исфисори ноҳияи Б.Ғафуров (корҳои мумфаршкунӣ бо ғафсии то 5 см, ҳаҷми умумӣ 2760 $м^2$) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 25.11.2024 18:44:44 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонат-мобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд.

Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 20 ноябри соли 2024 музоядаи № 34-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабудаи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо менамояд

**1. BAW, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 640 ХС 01, соли барориш ё баистифодадиҳӣ - 2012. Нархи ибтидоӣ - 23373 сомонӣ.**

**2. Лебао, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ -769 ХА 01, соли барориш ё баистифодадиҳӣ - 2011. Нархи ибтидоӣ -10000 сомонӣ.**

**3. BAW, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 024 ХА 04, соли барориш ё баистифодадиҳӣ - 2012. Нархи ибтидоӣ - 23373 сомонӣ.**

**4. BAW, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 641 ХС 01, соли барориш ё баистифодадиҳӣ - 2012. Нархи ибтидоӣ - 23373 сомонӣ.**

**5. Лебао, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 768 ХА 01, соли барориш ё баистифодадиҳӣ - 2011. Нархи ибтидоӣ - 10000 сомонӣ.**

**6. Лебао, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 766 ХА 01, соли барориш ё баистифодадиҳӣ - 2011. Нархи ибтидоӣ - 10000 сомонӣ.**

**7. Донг-фенг «Боркаш», рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 758 ХА 01, соли барориш ё баистифодадиҳӣ - 2011. Нархи ибтидоӣ - 10000 сомонӣ.**

**8. Ивеко, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 873 ХА 01, соли барориш ё баистифодадиҳӣ - 2015. Нархи ибтидоӣ - 33900 сомонӣ.**

**9. Лебао, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 767 ХА 01, соли барориш ё баистифодадиҳӣ - 2011. Нархи ибтидоӣ - 10000 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10.00** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

КВД БА ҶТ «Амонатбонк» барои ширкатҳои мустақили баҳогузор оид ба азнавбаҳодиҳии молу мулки дар тавозун қарордошта озмун эълон менамояд. Ширкатҳо метавонанд пешниҳодҳои тиҷоратии худро дар давоми 14 рӯзи тақвимӣ ба Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк», воқеъ дар кӯчаи Рӯдакӣ 105, пешниҳод намоянд.

Бо рӯйхати амвол барои азнавбаҳодиҳӣ муфассал дар сомонаи расмии бонк шинос шавед. **www.amonatbonk.tj.**

Маълумоти бештар: **44-600-90-26, 918-29-79-24.**

## ТАНАКСОЛ - БАРОИ ИХРОҶШАВИИ ЛЯМБЛИЙ

Мол дорои сертификат аст




**Ширкати илмию истеҳсолии Россия воситаи нодиреро бо номи ТАНАКСОЛ коркард намудааст, ки он аз ҷамъи гиёҳҳо (пижма, полын, тысячелистник, девясил) иборат буда, ҳангоми бемориҳои паразитиву сироятии ЛЯМБЛИОЗ, АМЁБИОЗ, АСКАРИДОЗ, ЭНТЕРОБИОЗ ва бемории ҶИГАР истифода бурда мешавад.**

**Тарзи истифодабарӣ: кӯдакони аз 1-сола 1/6 қошуқча, аз 2 то 7-сола 1/3 қошуқча, аз 7 то 12-сола 2/3 қошуқча, аз 12-сола боло аз 1 то 2 қошуқча рӯзе 3 маротиба, 20-30 дақиқа пас аз хӯрок. Давомнокӣ: аз 7 то 14 рӯз, барои калонсолон то 30 рӯз.**

**АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД!**

## РАВШАНИИ ЧАШМОНИ ШУМО!

**Кӯдакатонро камбиноӣ азият медиҳад ё синну солатон гузаштаву хирашавии чашмонатон шуморо ғамгин сохтааст?**

**«Флавигран очанка»** барои бемориҳои гуногуни чашм, аз ҷумла шамолхӯрдагӣ, катаракта, глаукома, миопия (наздикбинӣ ва дурбинӣ), ҳамчунин захми қарнияи чашм ва ҳифз кардани он аз таъсири омилҳои беруна муфид буда, барои таъмин ва муътадил нигоҳ доштани рагҳои хунгарди чашм мусоидат мекунад.

**Таркиби дору:** муруди ҷангалӣ, зайтун, хуч, марҷумак, афшураи лимӯ ва сабзӣ. Истеҳсол - Федератсияи Россия.

**Тарзи истеъмол:** 1 қошуқча аз дору гирифта, дар 100 мг об омехта карда, рӯзе 3 маротиба муддати як моҳ нӯшед. Баъд аз 6 моҳ дубора ин табобатро гирифтан мумкин аст.

**АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД.**

**Телефон барои тамос:** +992 000 400071




## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Шиносномаи гумшудаи силсилаи А 00633481, ки онро ШМД Ҳаёти нави ШВКД дар ноҳияи Ёвон соли 2016 ба Ёғибекзода Нушервон Азизбек додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №1260875, ки онро муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ (ғоибона) барои наврасон ва калонсолон 21 июни соли 2024 таҳти қайди №10 ба Фарҳодзода Фарангис додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи гумшудаи А 00138340, ки онро ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 10 марти соли 2015 ба Умарова Зухра Сайбурхановна додааст, эътибор надорад.

✓Маълумотномаи №2329-и гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 2015 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Чоряккорон, деҳаи Армуғон, барои ба расмият даровардани аҳди хариду фурӯш ба Ҳалимов Беҳзод Негматуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур ба Раҳимова Дилором Тоҷибоевна додааст, эътибор надорад.

✓Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон соли 2024 ба Акрамов Фарҳод Баҳодурович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи гумшудаи А 03994526, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 3 декабри соли 2021 ба Хусрави Фатҳуддин додааст, эътибор надорад.

✓Дувоздаҳ (12) адад хатти расид, ки онро ҶСП «Муқим-1» ба маблағи умумии 28500 (бисту ҳашт ҳазору панҷсад) сомонӣ санаҳои 13.01.2021, 12.02.2021, 08.09.2022, 14.02.2020, 07.11.2020, 26.12.2020, 26.11. 2019, 25.03.2021, 17.05.2021, 06.08.2020, 09.10.2020, 16.12.2019 ба Раҷабов Дустмурод Холмуродович додааст, эътибор надоранд.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Молодая Гвардия (ҳоло кӯчаи Рустами Карим), хонаи 153, ҳуҷраи 10, ба Ниёзмуҳаммедова Мозода додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 6 августи соли 2024 таҳти №121169 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Сомон, бинои 194/1, хонаи 8 ба Дудоладов Динис Александрович додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи аълои гумшудаи силсилаи ОК №48932, ки онро Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи славянии «Россия-Тоҷикистон» 28 июни соли 2011 ба Махмадзиёева Фарзона Валиевна додааст, эътибор надорад.

✓Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Раҳмонов Собирҷон Олимхуҷаевич додааст, эътибор надорад.

Садои мардум
Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.
ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 4 ноябри соли 2024, соати 13:40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33040 нусха*

Навбатдорони шумора Ф. Абдулҳакимова ва Ш. Ҳусейнзода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97